Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҳисоботи
Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар нимсолаи якуми соли 2019

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти худро дар асоси сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳ монда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, инчунин тибқи талаботи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи вазифаҳои низомномавии худ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст.

Иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 “Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ” зикр гардиданд, дар madди аввал қарор дошта, вобаста ба он аз 15 январи соли 2019, №6 фармоиши Раиси Кумита ба тасвиб расид, ки зимни он нақшаи чорабиниҳо иборат аз 32 банд таҳия гардида, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии паём ҷиҳати муайян намудани раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо мушаххас гардиданд.

Ҷиҳати иҷрои 8 банди Нақша - чорабиниҳои паём (14, 15, 18, 29, 30, 31, 32, 37), Кумита ба сифати иҷрокунандаи 2 ва 3-юм муайян гашта, аз тамоми иҷрокунандагон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумотҳои зарурӣ дастрас ва мавриди таҳлил қарор гирифта, аз натиҷаи он дар муҳлатҳои муқарраршуда ахборот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегарданд.

Инчунин, доир ба иҷрои 24 банд, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба сифати иҷрокунанда муайян гардидаанд, Кумита дар асоси вазифаҳои низомномавии худ ҳамкориву

ҳамоҳангсозиро ба роҳ монда, марҳила ба марҳила ба иҷро расонида мешавад.

Вобаста ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 оид ба иҷрои бандҳои дахлдори паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳо аз шаҳру ноҳияҳо дастрас ва мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз 5 апрели соли 2019, №3/5-317 ба вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо ва корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2019, №3/5-318 мактуб ирсол гардидааст.

Оид ба ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №АП-1146 оид ба иҷрои бандҳои 18 ва 29-и паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳо аз шаҳру ноҳияҳо дастрас ва мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз 8 апрели соли 2019, №3/5-322 ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2019, №3/5-323 мактуб ирсол гардидааст.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2019, №39 «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019»-ро барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта, вобаста ба он нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, бо фармоиши Раиси Кумита аз 21 феврали соли 2019, №19 тасдиқ намуда, вобаста ба иҷрои бандҳои 1 ва 22 ҷиҳати таъмини нишондиҳандаҳои стратегияву барномаҳо, дар самти истифодабарии самарабахши тамоми имконияту захираҳои мавҷуда, саривақт ва босифат аз худ намудани маблағҳои ҷудогардида, афзун гардонидани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, инчунин назорати раванди ҳамоҳангсозӣ ва таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва фаъолияти самараноки корхонаҳои истеҳсолӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маълумотҳоро дастрас ва таҳлил намуда, мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2019, №1/5-128 ирсол намудааст.

Доир ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии Кумита ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2019, №95 дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рузи ислоҳот ҷиҳати дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши Раиси Кумита аз 27 марти соли 2019, №30 тасдиқ гардидааст.

Инчунин, вобаста ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикитон аз 29 марти соли 2019, №117 "Оид ба саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2019-2020" Нақшаи чорабиниҳо ва фармоиши Раиси Кумита аз 11 апрели соли 2019, №33 таҳия ва тасдиқ гардида, рӯзи 19 апрели соли ҷорӣ ҷаласаи Ситоди фаврии Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста

ба масъалаи мазкур бо роҳбарии муовини якуми Раиси Кумита-Сардори Ситод ва аъзоёни Ситоди фаврӣ баргузор гардида, аз натиҷаи он Протоколи дахлдор таҳия карда шудааст, ки тибқи тартиби муқарраргардида то 10-уми ҳар моҳ маълумотнома ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида истодааст.

Бо мақсади таъмини иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2018, №227 "Дар бораи нақша чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 " Фармоиши Раиси Кумитаи рушди маҳал аз 5 сентябри соли 2018, №107 ба имзо расонида шуда, ҷиҳати татбиқи "Нақша чорабиниҳо оид ба амалисозии марҳилаи сеюми Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" Нақшаи амали Кумита тасдиқ гардида, иҷрои он таҳти назорат қарор дорад.

Ҷиҳати иҷрои моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2005, №289 «Дар бораи тасдиқи Эъломия оид ба андоз аз даромад ва Эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ», инчунин бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 январи соли 2019, №36/10-15, мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 январи соли 2019, №04-150 ва фармоиши Раиси Кумита аз 17 январи соли 2019, №8, рӯзи 7 феврали соли 2019 дар толори Кумита машғулияти идоравӣ баргузор карда шуда, дар машғулияти номбурда оид ба тартиби пур кардани эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи амволи хизматчии давлатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби кормандони Кумита сари вақт эъломияҳои мазкурро таъмин гардидаанд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба таъмини иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ва Протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2018, №2к/39-24 чораҳои амалӣ андешида, дар асоси он фармоиши Раиси Кумита аз 6 июни соли 2018, №46 оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, оид ба омодагӣ, корҳои сохтмону ободонӣ дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, ки Раиси Кумитаи рушди маҳал ҳамчун роҳбари Гуруҳи корӣ оид ба таҳия ва амалӣ кардани нақшаи ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста гардидааст, иҷрои корҳои муайянро ба роҳ мондааст.

Дар ин замина, Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба корҳои ободонию созандагӣ бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30-солагии

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аз 268 банд тасдиқ шуда, ҷиҳати иҷрои супориши Протоколи ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2016, №1 с/22-2, ҳадаф ва афзалиятҳои «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Бохтар барои солҳои 2016-2020» бо ҳадаф ва афзалиятҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» мутобиқ намудан, инчунин «Нақшаи чорабиниҳои таҳиягардидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 "Ҷиҳати омодагӣ ба корҳои ободонию созандагӣ бахшида ба ҷашни 30- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои такмил додан ва ворид намудани он ба Барномаи мазкур бо қарори раиси шаҳр аз 25 сентябри соли 2018, № 321 Гурӯҳи мониторинг дар ҳайати 13 нафар таъсис дода шудааст.

Бо мақсади муайян намудани арзиши умумии маблағгузории лоиҳаҳои Нақшаи чорабинӣ бо истисноι 39 банди иловашуда (вобаста ба 268 банд) ҳайати гурӯҳи мониторинг таҳлилҳо гузаронид, ки дар маҷмӯъ арзиши умумии Нақшаи чорабиниҳои шаҳр 543,7 млн. сомониро ташкил менамояд.

Ҳамзамон, Кумита супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2019, №24/10-8 дар бораи иҷрои банди 29 Протоколи машварати назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №1к/16-3 оид ба ҷараёни иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №-1059 ҷиҳати иншооти иҷтимоии ба нақша гирифташуда бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, вобаста ба рафти таъмиру бунёди иншооти иҷтимоии шаҳри Бохтари вилояти Хатлон маълумот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2019, №1/4-101 пешниҳод намудааст.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби роҳбарияти Кумита бо иштироки аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва роҳбарони бахшу сохторҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар оид ба омодагии ҳамаҷониба ба ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ҷаласаҳо баргузор гардида, протоколҳо ва супоришҳои он таҳти назорат қарор доранд.

Вобаста ба иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2019, №АП-1176 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" фармоиши Раиси Кумита ва Нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории Кумита аз ҷониби роҳбарият аз 11 апрели соли 2019, №35 тасдиқ гардидаст, ки рунамои он тариқи лавҳаи электронӣ рузи 14 апрели соли ҷорӣ дар Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби масъулини Кумита пешниҳоди иштирокдорон гардид. Кумита бо мақсади

иҷрои банди 13 нақшаи чорабиниҳои мазкур, ҷиҳати ба нақшаи баргузории чорабиниҳои илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ворид намудани баргузории конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Баланд бардоштани мақоми шаҳрак ва деҳот дар сохтори давлатдории муосир” дархост ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1/4-86 ирсол намудааст.

Дар баробари ин, Кумита ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2018, № АП-1140 ва супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2019, №16-10-3 низомнома, меъёрҳои муайян намудани ғолибон, руйхати ҳайат ва тақсимоти вазифаҳои аъзоёни гурӯҳи кории озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 ва меъёрҳои муайян намудани ғолибон оид ба боғҳои фарҳангию фароғатӣ, хиёбон ва бунёди гулгаштҳоро таҳия намуда, ҳамзамон тибқи бандҳои 5, 6 ва 8-и Протоколи маҷлиси гурӯҳи кории ҷумҳуриявӣ оид ба баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 аз 15 феврали соли 2019 аз Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳоро оид ба номгӯи гулҳои оилаи лолагиҳо, гулҳои баҳорӣ, муҳлатҳои шинонидану шукуфтани гулҳо ва миқдори гулу гулбуттаҳои дар минтақаҳои мухталифи ҷумҳурӣ коридашударо дастрас намуда, дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Рамзи озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 таҳия намуда, дар мувофиқа бо аъзоёнии гурӯҳи кории ҷумҳуриявии Озмун аз 7 марти соли 2019, №1/4-129 ва аз 15 марти соли 2019, №1/4-285 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Вобаста ба ин, даври ҷамъбасти озмун бо иштироки Комиссияи кории ҷумҳуриявӣ рӯзи 14 апрели соли 2019 дар боғи фарҳангию фароғатии ба номи “Абдулқосим Фирдавсӣ” - и шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар он ғолибон муайян шуда, аз натиҷаи чорабинӣ мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1/4 – 82 ирсол карда шуд.

Ҳамзамон, ноҳияҳои Рашт, Нуробод, Тоҷикобод ва Лахш озмуни мазкурро дар ҷашни Ваҳдати миллӣ баргузор намуда, ғолибон мукофотонида шудаанд.

Тибқи маълумоти дастрасшуда бо сабабҳои номусоиди вазъи боду ҳаво, боришоти барфи зиёд шинонидани гулҳои мавсимӣ дар қисмати ноҳияҳои кӯҳии вилояти Суғд, аз ҷумла: шаҳри Панҷакент ва ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ, Деваштич ва Шаҳристон, вилояти Хатлон ноҳияҳои Балҷувон, Ш.Шоҳин, Муъминобод, Темурмалик ва Ховалинг, ноҳияи Лахш шурӯъ нагардиданд, ба мақомоти мазкур ҷиҳати ба нақша гирифтани гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 то ҷашни Истиқлолияти

давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактуб аз 13 марти соли 2019, №1/4-167 ирсол карда шуд.

Қобили қайд аст, ки шаҳру ноҳияҳои болозикр, ки ҷиҳати гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии гулҳо: «Сайри гули лола» нақша чорабиниҳо ба тасвиб расонида, бо қарорҳои дахлдори раисони шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда шуда, чорабинии мазкур то ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баргузор карда мешаванд.

Ҳамзамон, Кумита бо мақсади иҷрои банди 34-и Нақшаи чорабиниҳои мазкур ҷиҳати дар сатҳи баланд баргузор намудани озмуни Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтарин дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Нақшаи чорабиниҳо, ҳайати гурӯҳи корӣ ва фармоиши Раиси Кумитаро таҳия ва аз 14 майи соли 2019, №43 тасдиқ карда шудааст.

Дар ин раванд, Низомнома ва меъёрҳои муайян намудани Ҷамоати шаҳрак ва деҳоти беҳтаринро таҳия намуда, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ва корбарӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз 13 майи соли 2019, №1/4-104 пешниҳод намуд, ки тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, №24/10-183 ба мақомоти дар боло зикргардида ҷиҳати корбарӣ пешниҳод гардидааст. Инчунин, барои дастрас намудани маълумот оид ба кори комиссияҳои маҳаллӣ мактуби дархостии Кумита ба мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таҳия ва ирсол гардиданд.

Бо ҳамин мақсад рӯзи 20 июни соли ҷорӣ таҳти роҳбарии Раиси Кумита ҷаласаи корӣ баргузор гардида, аъзоёни гурӯҳ тибқи руйхати тақсимот дар минтақаҳои ҷумҳурӣ вазифагузорӣ карда шуда, аз натиҷаи он протоколи дахлдор тартиб дода шудааст.

Масъулини Кумита оид ба рафти иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 апрели соли 2013, №АП-2209 вобаста ба такмили сохтори мақомоти ҳудудии худфаъолияти ҷамъиятӣ ва таҳкими ҳамкории онҳо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба тариқи таҷрибавӣ ва фаъолияти шуъбаи кор бо маҳаллаҳои дастгоҳи Раиси шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро мавриди омузиш қарор дода, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶумҳурииТоҷикистон аз 30 майи соли 2019, №1/4-116 ва ба унвонии раисони ВМКБ ва раиси шаҳри Хоруғ аз 30 майи соли 2019, №1/4-420 маълумотнома ирсол карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки Кумита иҷрои Нақшаи чорабиниҳо аз 9 ноябри соли 2018, №24/10-488 "Оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд" баён доштанд мавриди баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он маълумот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 марти соли 2019, №1/5-76 пешниҳод намуд.

Вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Норак, Кӯшониён, Бохтар ва Вахши вилояти Хатлон аз 20 то 23 марти соли 2019 баён доштанд, фармоиши Раиси Кумита ва нақшаи чорабиниҳо таҳия гашта, аз 11 апрели соли 2019, №34 тасдиқ карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки Кумита оид ба иҷрои банди 13-и нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 сентябри соли 2018, №10 доир ба самаранок ба роҳ мондани иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳангоми сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон баён доштанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №1/4-74 маълумот ирсол намудааст.

Ҳамзамон, аз рафти иҷрои банди 33 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2019, №1 оид ба таҳияи Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 - 2021 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2019, №1/4-113 маълумот ирсол намудааст.

Инчунин, Кумита барқияи Ҳукуматиро аз 8 майи соли 2019, №34/10-20 дар бораи дастрас намудани маълумот оид ба садақаи фитр барои эҳтиёҷоти шахсони яккаву танҳо, маъюбон, оилаҳои камбизоату барҷомонда, барқарорсозӣ ва бо асбобу анҷоми рӯзгор таъмин кардани хонаҳои истиқоматии онҳо, инчунин таъмири муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мактабу боғча, бунгоҳи тиббию беморхона, китобхона, бунёди роҳу пулҳо, кашидани хати барқу об барои маҳаллаву деҳаҳо ва дигар корҳои ободонӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро ҷиҳати иҷро ба роҳбарӣ гирифта, дар якҷоягӣ бо масъулини воҳидҳои сохтории Кумита аз 31 май то 4 июни соли 2019 сафари хизматӣ анҷом дода, ба масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ёрии методӣ расонида, маълумотҳоро аз мақомоти зикргардида дастрас намуда, аз натиҷаи ҷамъбастии он маълумотнома аз 7 июни соли 2019, №1/4-122 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2019, №24/10-16 тибқи хулосаи вазорату идораҳои дахлдор таҳия ва пешниҳод намудани санади меъёрӣ - ҳуқуқӣ ба пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи шаҳрак мансуб донистани Ҷамоати деҳоти «Мурғоб» маркази маъмурии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон»-ро Кумита баъдиислоҳи камбудиҳо таҳия намуда, такроран бо мувофиқаи вазорату идораҳои дахлдор тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2019, №24/10-16 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2019, №1/4-111 ирсол намудааст.

Инчунин, Кумита аз рафти иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои бандҳои 8, 15 ва 90 Нақшаи чорабиниҳои оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз, Рошткалъа ва Мурғоби ВМКБ аз 11 то 15 сентябри соли 2018 баён доштанд маълумотҳоро ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст намуда, аз натиҷааш ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли ҷорӣ маълумотномаи муфассал ирсол намудааст.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №25163(267) вобаста ба дархости Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории «Форум ва Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Тоҷикистон – 2019»-ро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 апрели соли 2019, №1/4-328 хулоса пешниҳод гардид.

Бахри иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2017, №24/10-340 вобаста ба иҷрои бандҳои дахлдори Нақша чорабиниҳо, ки дар ҷараёни сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ноҳияҳои Хуросон ва Абдураҳмони Ҷомии вилояти Хатлон, ки рузи 9 августи соли 2017 баён доштанд, маълумотҳо аз вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастрас намуда, аз натиҷаи он маълумот аз 11 апрели соли 2019, №1/4-80 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Ҳамзамон, Кумита дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №30/6-69 аз ҷараёни иҷрои бандҳои 14, 15, 19 ва 24 Нақшаи чорабиниҳое, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар маросими ба истифода додани бинои навбунёди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 59 ноҳияи Рӯдакӣ 3 октябри соли 2017 баён доштанд, тибқи маълумотҳои дастрасгардида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2019, №1/4-125 маълумот ирсол намуд.

Бояд қайд намуд, ки Кумита ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №11969 ва мактуби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2019, №1/12-9 (913) дар хусуси арзёбии миёнамӯҳлати лоиҳаи "Идоракунии оби бехатари ошомиданӣ ва беҳдошт" дар ноҳияҳои дахлдори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Хатлонро мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба дастгирии лоиҳаи мазкур ҷиҳати

амалишавии ин лоиҳа шомил намудани намояндаи Кумита хулоса ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2019, №1/4-127 пешниҳод намудааст.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2019, №135/10(28-5) бо мақсади омӯзиши лоиҳаҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гирифтан ва ба раёсати маорифи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшани вилояти Суғд додани қитъаи замин» аз ҳисоби заминҳои хоҷагии деҳқонии ба номи «Набиев Мухтор» -и шаҳри Истаравшан ва “Дар бораи гирифтан ва ба Ҷамоати деҳоти Кӯлканди шаҳри Исфара додани қитъаи замин аз ҳисоби заминҳои фонди захиравии кооперативии истеҳсолии ба номи «Фахриддин Нуриддинов»-и шаҳри Исфарaро баррасӣ намуда, аз натиҷаи он мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2019, №1/4-90 ирсол намудааст.

Инчунин, Кумита аз рафти иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2019, №25881(22.7) дар бораи пешниҳоди Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузор намудани “Намоишгоҳи ҷумҳуриявии дастовардҳои соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ, масолеҳи сохтмони ватании воридотивазкунанда ва нақши ҳунарҳои мардумӣ дар муаррифии миллӣ” дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро мавриди баррасӣ қарор дода, хулосаи Кумитаро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 2019, №1/4-411 ирсол намуд.

Баҳри иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2019, №25203(26-7) вобаста ба баргузор намудани чорабиниҳои оммавӣ - варзишӣ ва солимгардонӣ ба ифтихори таҷлили сазовори Иди байналмилалии «Наврӯз» дар майдончаи варзишӣ ва бозии кӯдакон дар шаҳраки 164, воқеъ дар кӯчаи Пушкин 2,4,6 ва 8-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе рӯзи 20 марти соли 2019 масъулини Кумита чорабиниҳои варзиширо бо иштироки ҷавонон ва наврасони маҳаллаи мазкур баргузор намуда, аз натиҷаи он ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот аз 29 марти соли 2019, №1/4-303 маълумот пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон, Кумита ҷиҳати иҷрои вазифаи низомномавии худ «Омодасозии пешниҳод ба ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот», «Шакли намунавии пешниҳоди маълумоти ҷамъбастӣ, вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи ҳисоботии семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солона” такмил дода, бо дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №348/24

ба суроғаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои иҷро ва корбарӣ ирсол намуд.

Арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар семоҳаи аввали соли 2019 бо истифодаи “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот” таҳлил намуда, аз 15 майи соли 2019, №1/5-105, №1/5-106, №1/5-107 ва №1/5-108 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол намудааст.

Вобаста ба ислоҳи камбудиҳои “Шакли намунавии пешниҳоди маълумот” дар соли 2018 ва 3 моҳаи аввали соли 2019 вокуниши вазорату идораҳоро оид ба ислоҳи камбудиҳои қайдгардида ҷамъбаст намуда, аз 21 майи соли 2019, №1/5-112 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол гардид.

Ҳамзамон, супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, №3111 (24.2) бо мақсади ислоҳи камбудиҳо дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба вазорату идораҳо, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар равона гардид.

Доир ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2019, №11645(29-9) оид ба лоиҳаи Протоколи бародаршаҳрӣ байни шаҳри Асвони утони Асвони Ҷумҳурии Арабии Миср ва шаҳри Нораки вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулоса ва пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдорро баррасӣ ва ҷамъбаст намуда, аз 18 марти соли 2019, №1/5-66 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Доир ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 январи соли 2019, №29/10-19 оид ба рафти иҷрои банди 19 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2018, №13 чораҷӯӣ намуда, аз 1 апрели соли 2019, №1/5-77 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол гардидааст.

Кумита ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 2019, №11895(29-3) лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Созишномаи ҳамкорӣ байни вилояти Суғд ва вилояти Нижегородски Федератсияи Россияро бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа намуда, аз 09 апрели соли 2019, №2/5-327 мактуб ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 марти соли 2019, №12279(27-6) лоиҳаи “Консепсияи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2021-2035” -ро мавриди баррасӣ қарор дода, аз 12 апрели соли 2019, №1/5-336 мактуб ба Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2018, №112592(29-3) оид ба иҷрои банди 12 Нақша чорабиниҳо аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (15-16 майи соли 2018), ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июли соли 2018 тасдиқ гардидааст, чораҷӯӣ намуда, аз 15 апрели соли 2019, №2/5-81 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 июни соли 2018, №112656(29-4) оид ба иҷроиши уҳдадориҳои байналмилалӣ чораҷӯӣ намуда, мактуб ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2019, №2/5-337 ирсол карда шудааст.

Доир ба таъмини иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели 2019, №111619(29-7) оид ба андешидани чораҳои саривақтӣ ҷиҳати ба анҷом расонидани расмиёти дохили давлатии санадҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия чораҳо андешида шуда, мактуб аз 9 апрели соли 2019, №2/5-327 ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2019, №367(29-9) лоиҳаи Созишномаи бародарӣ ва дӯстӣ байни устони Ҷануби Синои Ҷумҳурии Арабии Миср ва вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти хулосаи вазорату идораҳои дахлдор такмил гардида, аз 26 апрели соли 2019, №1/5-94 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Кумитаи рушди маҳал ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 26 апрели соли 2019, №24/10-7 оид ба омода намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2019” мавриди баррасӣ қарор дода, аз 7 майи соли 2019, №1/5-100 мактуби ҷавобӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст.

Доир ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2019, №111364 (29-13) оид ба лоиҳаи Созишномаи бародаршаҳрӣ байни шаҳри Душанбе ва шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон корбарӣ намуда, хулоса ва пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор ҷамъоварӣ гардида, мактуб ба Дастгоҳи

иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2019, №1/5-98 ирсол карда шудааст.

Ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 майи соли 2019, №8518 (35-5) оид ба муаммо дар таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ” баррасӣ намуда, таклифу пешниҳодҳо ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2019, №1/5 – 424 ирсол гардид.

Бояд зикр намуд, ки ҷиҳати иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2019, №1/6-349 мактуб ирсол гардидааст.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2019, №112745(29-8) рӯзи 13 июни соли ҷорӣ, вохӯрии масъулини Кумита бо Доктор Макс Георг Майер - Роҳбари намояндагии Бунёди Ҳаннс Зайдел дар Осиёи Марказӣ баргузор гардид. Дар вохурии мазкур пайдо намудани имкониятҳои ҳамкорӣ дар соҳаи рушди маҳал мавриди муҳокима қарор гирифт.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2019, №17434(29-13) вобаста ба рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои Протоколи ҷаласаи 6 – уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Ӯзбекистон оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ баррасӣ намуда, таклифу пешниҳодҳоро ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2019, №1/5 – 357 манзур намуд.

Оид ба иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 майи соли 2019, №7193(22) дар бораи ташрифи коршиноси байналмилалӣ барои омодагӣ ҷиҳати баргузории таҳқиқоти хонаводаҳо оид ба таҳияи махзани маълумотҳо бо дарназардошти ҷалби шарикони рушд дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ вобаста ба дарёфти сарчашмаҳои нави иттилоотро баррасӣ намуда, мактуб ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, №1/5 – 434 пешниҳод гардидааст.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2019, №17329 (4) Раиси Кумита Қосим Роҳбар дар Конфронси ҳафтум оид ба ҳамкории байниминтақавӣ миёни Тоҷикистон ва Россия, ки дар доираи сафари расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Федератсияи Россия рӯзҳои 16 – 17 апрели соли ҷорӣ дар Москва баргузор гардида буд, иштирок намуд.

Ҳамзамон, тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2019, №339 (29 – 4) Салоҳиддинов С.А. – сармутахассиси Раёсати банақшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳали Кумита дар давраи омӯзишии якҳафтаина роҷеъ ба рушд ва ҳавасмандкунонии ҷавонони пешсафи Осиё дар соҳаи хоҷагии деҳот, ки рӯзҳои 17 – 24 апрели соли ҷорӣ шаҳри Пекини Ҷумҳурии Халқии Хитой баргузор гардида буд, иштирок намуд.

Оид ба дархости Муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дарёфти маблағ барои мумфарш намудани роҳи мошингарди беморхонаи шаҳри Хоруғ аз 13 феврали соли 2019, №2/ФА №275 мавриди баррасӣ қарор дода, барои чораҷуӣ ва ҳалли масъалаи пайдошуда ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2019, №1/4-110 хулоса ирсол намудааст. Инчунин, оид ба масъалаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рафти иҷрои дархости мазкур аз 1 майи соли 2019, №1/4-353 маълумот ирсол карда шудааст.

Иҷрои қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №2106 оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ” таҳти баррасӣ қарор дода, аз 05 апрели соли 2019, №1/6-320 ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол карда шудааст.

Тибқи банди 5-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 “Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” Кумита аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳисоботҳоро ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст намуда, тибқи тартиби муқаррааргардида барои таҳлил ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо пешниҳод намуд.

Ҷиҳати иҷрои банди 20-и нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2018, №13 ва Протоколи ҷаласаи назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2019, №2к/15-30 оид ба нақшаи чорабиниҳои Паём фармоиши Раиси Кумита аз 15 январи соли 2019, №6 ба тасвиб расида, дар заминаи он нақшаи чорабиниҳои Кумита иборат аз 32 банд таҳия ва тасдиқ гардида, мактуб аз 19 апрели соли 2019, №1/4-84 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Баррасӣ ва иҷрои банди 11 нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2018, №11 оид ба равона сохтани таваҷҷуҳи раисони вилоят, шаҳру ноҳияҳо ба ҷараёни иҷрои барномаҳои давлатию соҳавӣ, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба иқтисодиёти маҳаллӣ, сарфаи маблағҳои буҷетӣ, масъулияти иҷрои пурраи уҳдадориҳои

хизматӣ ва истифодаи самараноки вақти корӣ, мавод омода гардида, аз 3 майи соли 2019, №1/5-97 мактуб ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Аз натиҷаи иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2019, №114 оид ба ҷамъбасти натиҷаи вохӯриҳои вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома аз 19 апрели соли 2019, №1/4-87 ирсол намудааст.

Оид ба иҷрои супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2019, №17198(22.6) ҳангоми сафари корӣ ба шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон рӯзҳои 7-8 ноябри соли 2018 протоколи №2к/84-24 аз 19 ноябри соли 2018 маълумотҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, аз 3 апрели соли 2019, №1/5-78 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуб ирсол гардидааст.

Оид ба иҷрои бандҳои дахлдори Нақша чорабиниҳои Протоколи ҷаласаи сайёри Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2018, №2к/84-24 бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб ҳамоҳангсозӣ намуда, аз 30 майи соли 2019, №3/5-423 мактуб ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Кумита тибқи супориши муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2019, №12/24 оид ба дархости муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳаллу фасли мушкилиҳо баҳри рушду нумӯи маркази маъмурии ВМКБ шаҳри Хоруғ, пешниҳоди вазорату идораҳои дахлдорро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, аз натиҷаи он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома аз 6 марти соли 2019, №1/4-58 ирсол намудааст.

Ҷиҳати иҷрои банди 13 Протоколи ҷаласаи назди Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 2019, №22/3-143 оид ба баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботҳои “Пешбурди соҳибкорӣ” – ро мавриди баррасӣ қарор дода, аз 23 майи соли 2019, №3/5-414 мактуб ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Тибқи дархости Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумита аз рафти иҷрои банди 19 нусха аз протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2018, №12 оид ба шумораи маъюбон, камбизоатон, бепарасторон ва дигар табақаҳои ниёзманди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон дар асоси ҷадвалҳои таҳиягардида маълумотҳоро ба ҳолати 2 майи соли 2019 аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар дастрас намуда, дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2019, № 13168(25-2) ба Вазорати мазкур маълумотнома аз 10 майи соли 2019, №2/4-398 ирсол намудааст.

Дар заминаи супориши мазкур ҷиҳати ҷамъбаст ва пешниҳод намудани ҳисобот вобаста ба рушди иҷтимоию иқтисодии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар нимсолаи якум, барқияи телефонии Кумита аз 13 июни соли 2019, №1/5-441 ба мақомоти болозикр ирсол гардид.

Дар асоси мактуби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2019, №10/3-146 ҷиҳати матрисаи амалиёти натиҷаи барномаи қолабии СММ (ЮНДАФ)-ро, ки бо мақсади ба инобат гирифтани афзалиятҳои стратегии кишвар ва Ҳадафи рушди устувор пешниҳод гардидаанд, Кумита таҳти баррасии худ қарор дода, аз 15 марти соли 2019, №1/5-269 мактуби ҷавобӣ ба Вазорати мазкур ирсол намудааст.

Иштирок дар иҷлосияи панҷум, даъвати нуздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, ки рӯзи 26 июни соли ҷорӣ баргузор гардид ба шаҳри мазкур аз ҷониби роҳбарияти Кумита сафари хизматӣ анҷом дода шуда, бахшида ба 22 солагии ҷашни Ваҳдати миллӣ, иншоотҳои азнавсозӣ ва сохтмони боғи марказӣ ба номи Р.Мурчаев, сохтмони дӯкони гулфурӯшӣ ва майдони истироҳатию фароғатӣ дар кӯчаи Борбад, сохтмони дӯкони хизматрасонӣ ва азнавсозии ҳудуди майдони Ваҳдат дар хиёбони Ваҳдат, сохтмони майдончаи варзишӣ дар кӯчаи Кайҳонавардон, сохтмони бинои кумитаи маҳалла дар маҳаллаи Маданият, сохтмони дӯкони тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ба истифода дода шуданд.

Бо мақсади ташкил ва тайёрии ҳайати шахсии неруҳои ғайриҳарбии мудофиаи гражданӣ ва баланд бардоштани савияи дониши кормандон, лоиҳаи фармоиши Раиси Кумита дар бораи таъсис додани гурӯҳҳои таълимӣ, ҷадвали машғулиятҳо ва мавзуъҳои таълимиро таҳия ва тасдиқ намуд.

Кумитаи рушди маҳал бо мақсади иҷрои банди 2.1 Нақшаи кории Кумита барои нимсолаи якуми соли 2019, ки бо фармоиши Раиси Кумита аз 25 декабри соли 2018, №101 тасдиқ шудааст, омӯзиш ва таҳлили натиҷаи татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020 ва омӯзиши корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб оид ба иҷрои супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ” аз 26 декабри соли 2018 ва аз 25 феврал то 01 марти соли 2019, гузаронида мактуб аз 27 марти соли 2019, №1/5-69 ба Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардидааст.

Тибқи супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 феврали соли 2019, №327/24 рӯзи 30 апрели соли 2019 ҷаласаи сайёри Ҳайати мушовараи Кумита оид ба фаъолият дар семоҳаи якуми соли 2019 бо иштироки фаъолони ноҳияи Варзоб ва кормандони

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб баргузор гарид, ки дар он натиҷаи таҳлил ва омӯзиши татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Варзоб барои солҳои 2016-2020 ва омӯзиши корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Варзоб оид ба иҷрои супоришҳои паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ" аз 26 декабри соли 2018 мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт.

Боиси қайд аст, ки то ин давра дар Кумита 128 адад мактубҳои назоратӣ, ки аз онҳо 3 адад Фармону Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 адад қарор ва фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 адад Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, 56 адад Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 12 адад Нусха аз протоколи маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 адад Барқияи ҳукуматӣ, 1 адад Фармоиши Раиси Кумита, 5 адад Протоколи маҷлисҳои кории назди Раиси Кумита, 17 адад нусха аз Протоколи маҷлиси ҳайати мушовараи Кумита ва 4 адад аз вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шуда, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба онҳо варақаҳои назоратӣ тартиб дода шуд. Инчунин аз натиҷаи иҷрои супоришҳои назоратӣ ба мақомотҳои дахлдор мактубҳои ҷавобии Кумита ирсол гардида истодааст.

Инчунин, Кумита дар давраи ҳисоботӣ ба 20 лоиҳаи қонунҳо ва лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои ҳуқуқии омода намуда, ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод намуд. Аз ҷумла, ба лоиҳаи фармоиши Раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Низомномаи озмуни дастархоноройӣ" аз 4 январи соли 2019, №1/6-04, лоиҳаи "Ёддошти тафоҳум дар соҳаи корҳои исломӣ "Ёддошти тафоҳум байни Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои исломӣ, даъват ва иршоди Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар соҳаи корҳои исломӣ" аз 4 марти соли 2019, №1/6-124, инчунин ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" аз 18 марти соли 2019, №1/6-288, Хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баруйхатгирии аҳолӣ» аз 5 апрели соли 2019, хулоса ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои тайёрии варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои иловапулӣ дар соҳаи варзиш» аз 19 апрели соли 2019, хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22 апрели соли 2019, хулоса ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз эътибор соқит донистани баъзе санадҳои

қонунгузории РСС Тоҷикистон, ки дар давраи солҳои 1961-1963 қабул шудаанд» аз 26 апрели соли 2019, хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ» аз 26 апрели соли 2019, хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», хулоса ба лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2021 аз 1 майи соли 2019, хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 3 майи соли 2019, хулоса ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби таъин, маблағгузорӣ ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба шаҳрвандони (оилаҳо)-и камбизоат» аз 23 майи соли 2019, хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» аз 15 майи соли 2019 ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки Кумита оид ба ташаккули сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи рушди маҳал, такмили низоми идоракунии маҳаллӣ, такмил ва таҳкими асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявию иқтисодӣ инчунин таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои дастгоҳи ҷамоату шаҳраку деҳот лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот”-ро таҳия намуда, барои мувофиқа намудан ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ирсол намудааст.

Вобаста ба ин тағйирот, дар асоси моддаи 24 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №115» ва лоиҳаи Низомномаи намунавии дастгоҳи Ҷамоати шаҳрак ва деҳот таҳия карда шуда, дар таърихи 11 июни соли 2019 барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шудааст.

Таҳияи Низомномаи мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароит барои рушди маҳал, таҳкими низоми идоракунии маҳаллӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои дастгоҳи ҷамоату шаҳраку деҳот мебошанд.

Бо мақсади тақвият бахшидани донишу малакаи хизматчиёни давлатӣ ва иҷрои мактуби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2017, №11-2047, бо фармоиши Раиси

Кумита Нақшаи машғулиятҳои идоравӣ барои хизматчиёни Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 тасдиқ гардида, мутобиқи нақша машғулиятҳои идоравӣ дар вақти ба нақша гирифташуда гузаронида мешавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2019 барои баланд бардоштани сатҳи дониши касбӣ, маърифати ҳуқуқӣ вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳои омӯзишӣ, такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ аз рӯи барномаҳои вобаста ба соҳаи хизмати давлатӣ 5 нафар мутахассисони Кумита иштирок намуда, донишу малакаи худро баланд бардоштанд.

Дар асоси Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ шудааст, барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос, салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ бо фармоишҳои Раиси Кумита аз 13 феврали соли 2019, №14 ва аз 15 майи соли 2019, №44 «Оид ба гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар Кумита» озмун эълон карда шудаст.

Дар асоси фармоишҳои мазкур ва тибқи муқаррароти ҷойдошта 7 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос бо тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии Кумитаро ишғол намуда, аз рӯи Низомномаи Кумита, дастурамали мансабӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд.

Бо мақсади ҷамъоварӣ ва коркарди автоматии ҳисоботи омории соҳаи хизмати давлатии шаҳрвандӣ мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 "Дар бораи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" маълумоти пурраи кормандон ба Феҳристи хизматчиёни давлатӣ пурра ба итмом расонида шуда, мунтазам тағйиротҳо ба феҳрист ҷой дода мешаванд.

Ҳисоботҳои оморӣ оид ба ҳаракати қувваи корӣ ва ҷойҳои корӣ ҳар семоҳа, шакли №1 – мурочиат (ҳисобот дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соли 2018), шакли №6 – меҳнат (солона) ба Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе, ҳисоботи шакли №1-ХД ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот оиди омаду рафти кормандон ҳар семоҳа ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳри Душанбе омода ва пешниҳод карда мешаванд.

Ҷиҳати иҷрои Барқияҳои Ҳукуматӣ дар асоси супоришҳои Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам

навбатдории шабонарузии кормандон ташкил карда шуда, аз натиҷааш дар муҳлатҳои муайянгардида ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда мешавад.

Ҷиҳати ба талаботи Қоидаҳои пешбурди делои шахсии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ намудани парвандаҳои шахсии кормандон мунтазам санҷиши парвандаҳои шахсии кормандон ба роҳ монда шуда, камбудиҳои ҷойдошта бартараф карда мешаванд.

Оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, №1339 «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», фармоиши Раиси Кумита аз 6 марти соли 2017, №28 ба тасвиб расонида шуда, ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе шаҳрвандон қабул карда мешаванд. Оид ба ташкил тартиби ҳуҷҷатгузорӣ, таъмини қабули шаҳрвандон дар қабулгоҳҳои раис, муовинони раис ва сардорони раёсатҳо ба танзим даровaрда шуда, дафтарҳои бақайдгирии шаҳрвандон дар қабулгоҳҳо ташкил карда шуда, зери назорати мунтазами роҳбарияти Кумита қарор доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби роҳбарияти Кумита 52 нафар шаҳрвандон шифоҳӣ қабул карда шудаанд.

Ҳамзамон, ба Кумита 4 адад муроҷиатҳои хаттӣ ворид шудаанд, ки муроҷиатҳо асосан оид ба ташкили боғ, дастгирии лоиҳаҳо вобаста ба гузаронидани хати оби ошомиданӣ ва расонидани кӯмакро дар бар мегиранд, ки ҳамаи онҳо дар асоси муқаррароти Қонун баррасӣ карда шудаанд.

Дар ин давра, ба Кумита 1254 ҳуҷҷатҳо ворид гардида, 600 адад мактуб аз ҷумла: 135 мактуб ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 467 адад ба вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона ва ташкилотҳои дахлдор ва шаҳрвандон содир карда шудаанд.

Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумита ворид мегарданд, дар муҳлатҳои муқарраргардида таъмин намуда, вобаста ба иҷрои вазифаҳои низомномавии худ пайваста тадбирҳо меандешад.

Раиси Кумита Қосим Роҳбар